# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи номзадии Абдусалом Абосиевич дар мавзӯи: «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дҷрачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст**

Ҷаҳони муосир ва ҳодисоти он ба қатори масоили мубрами омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ масоили ахлоқиро баровардааст, ки таҳлил ва таҳқиқи амиқи онҳо дар ҳошияи таърихи фалсафа ва бо истифода аз роҳкорҳои нави таҳқиқӣ, хусусан аксиология сурат мегирад. Таълифи рисолаҳои илмӣ дар мавриди омӯзиши осори ахлоқӣ-инсоншиносӣ ва зебоишиносии мутафаккирони тоҷик, ки аз назаргоҳи аксиологӣ сурат мегиранд, имрӯз мубрамияти махсус пайдо кардааст. Зеро аз мероси гаронбаҳои ахлоқии мутафаккирони тоҷик дар кори таълиму тарбияи сулҳдӯстиву хайрандешӣ, мадорову таҳаммулпазирӣ, худшиносиву худтакмилдиҳии маънавӣ ба таври васеъ истифода намудан мумкин аст. Автореферати рисолаи номзадии Абдуллоев А.А. дар мавзуи “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа, аз ҷумлаи ин гуна кӯшишҳои шоиста дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ ба шумор меравад.

Боиси дастгирист, ки муаллиф мубрамӣ ва зарурияти навиштани рисоларо дар чанд нуктаи муҳим барҷаста нишон медиҳад, ки яке аз онҳо тарҳу сохтордиҳии аксиологии таълимоти нодири этикӣ-эстетикии Мавлонои Балхӣ мебошад. Гарчанде таълимоти мазкур ҳамчун назарияи мусолиҳаву мадоро маълум буда, ба унвони “маранҷу маранҷон” муаррифӣ шудааст, муаллиф тавонистааст, ки онро чун мактаби сулҳу дӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ нишон дода, арзишҳои муҳимтарини онро дар раванди ташаккул ва таҳаввул пешниҳод намояд. Назарияи мазкур, ки

онро Мавлоно дар натиҷаи омӯзиши амиқи фарҳанги динию ирфонии гузаштагон ва соҳибият ба донишу маълумоти саҳеҳи илмию фалсафӣ шакл додааст, ӯро дар ҷаҳон ҳамчун мунодии фарҳанги сулҳ маъруф намудааст.

Таҳлили аксиологии арзишҳои мероси маънавии Ҷалолуддин Балхӣ ифодакунандаи таҳлили амиқи табиати инсон буда, дар он аъмоли олии инсонӣ ва бадтарин зуҳуроти табиати одам бо ҳам муқобила карда шуда, хулосаҳои мутафаккир баррасӣ гардидаанд.

Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, то антропо-аксиологияи Мавлоноро ба таври маҷмуӣ омӯхта мақом, табиат ва аҳамияти инсонро дар олам муқаррар намояд. Дар ин ҳошия ӯ аксиология ва таърихи ташаккули онро ба таври мухтасар тавсиф дода, ҷанбаҳои онтологии низоми арзишҳоро дар афкори Мавлоно тадқиқ ва пешниҳод кардааст. Дар ин бора ӯ хулоса мекунад, ки арзишҳо дар таърихи бостон ва асрҳои миёна дар арсаи ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, бар асари заруррату талабот ва муфидияти он эътибор пайдо мекунанд ва аз ҷумлаи арзишҳои волои афкори Мавлоно - ақл ва хирадро дар ҷои аввал мегузорад. Гарчанде барои ориф "дил" воситаи маърифат дониста мешавад, аммо дарки олам пеш аз ҳама аз тариқи ақл сурат гирифта, сипас бо чашми дил арзёбӣ мегардад.

Дар баробари дастовард ва навовариҳои боиси таҳсин, дар матн камбудиҳое низ ба чашм мерасанд, ки бояд ба онҳо аҳамият дода шавад. Масалан, хатогиҳо ва баъзе иштибоҳҳои услубие мавҷуданд, ки онҳоро техникӣ номидан мумкин аст. Масъалаи дигар-хуб мебуд, ки муҳаққиқ дар муқоисаи антропо-аксиологияи Мавлоно чанд қадами дигар монда, онро бо афкори дигар мутафаккирони ирфон, масалан Абдулқодири Бедил муқоиса менамуд, ки бояд хеле ҷолиб бошад. Аммо ҳамчун қадами аввал, автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллифи диссертатсия мазмуни диссертатсияро пурра фаро гирифта, хулосаҳои

муаллиф асоснок, масъалаҳои мавриди баррасӣ ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат оид ба тадқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти комил ҳосил менамояд. Хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва нишондиҳандаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқот мебошанд.

Дар асоси далелҳои боло автореферати диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа ҳамчун амали мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Раиси Кумита оид ба илм, маориф,
фарҳанг ва сиёсати ҷавонони
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои фалсафа, профессор Содиқӣ Насиба Нуруллозода

Имзои Содиқӣ Н.Н.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Файзалӣ Сафар
10.12.2024
«12» декабри соли 2024.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42
Тел: (+992) 93-598-59-99

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС